# ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ ба рисолаи илмии Бобобекзода Меҳрочидини Абдучалил дар мавзуи «Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон» барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050301 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология

***Мутобиқати рисолаи илмӣ ба шиносномаи ихтисоси илмӣ***. Рисолаи илмии Бобобекзода Меҳрочиддини Абдучалил ва муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D050301 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият ва таърихи психология, аз ҷумла ба банди 15 – «Интиқоли ҳолати эмотсионалӣ. Ташхиси ҳолати эмотсионалӣ. Ташхиси ҳолати аффект. Бошиддатии эмотсионалӣ, фрустратсия, стресс. Аксуламал ба фрустратсия. Психологияи ҳиссиёт. Психологияи азсаргузаронииҳои таассуротҳо» мувофиқат мекунад.

***Мубрам будани мавзуи диссертатсия***. Рисолаи унвонҷӯ Бобобекзода Меҳрочиддини Абдучалил ба мавзуи барои ҷомеаи кунунии Тоҷикистон мубраму ҳалталаб – таъсири талоқ ба падид омадани ҳолатҳои эмотсионалии наврасон бахшида шудааст.

Ҳоло шумораи зиёди оилаҳои тоҷик бо сабабҳои мухталиф рӯ ба ҷудошавӣ оварда истодаанд ва он, дар навбати худ омӯзиши махсуси психологиро тақозо менамояд. Воқеияти имрӯза дар зиндагии одам бо мавҷуд будани дигаргуниҳои куллӣ ва зудтағйирёбанда буданаш тавсиф мегардад. Аз зумраи масъалаҳои калидие, ки дар назди ҷомеаи имрӯза гузошта шудааст – ин бунёд намудани ҷамъияти ҷадид мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф тамоми рукнҳои ҷомеаро таҳким бахшидан лозим аст, зеро оила ҳамчун рукни асосӣ ва ибтидоии ҷомеа маҳсуб меёбад ва он имрӯзҳо ба солимгардонии психологӣ ниёз дорад.

Омори солҳои охир нишон медиҳад, ки теъдоди вайроншавии оилаҳо рӯ ба тамоюли зиёдшавӣ дорад. Ин далолат бо он менамояд, ки барои пойдор кардани оилаи имрӯза корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан лозим мегардад.

Илми психология дар баробари дигар илмҳо метавонад дар ҳалли ин масъалаи муҳим нақши хоссаро бозад.

Таҳқиқ ва омӯзиши ҳолатҳои эмотсионалӣ дар психологияи муосир махсусан муҳим аст, зеро функсияи муттаҳидсозандаи ҳолатҳо ягонагии психикаро таъмин карда, дар натиҷа сохтори психологии шахс ташаккул меёбад, ки хосиятҳо, ҳолатҳо, равандҳо ва робитаҳои байниҳамдигарии онҳоро фаро мегирад. Барои амалияи психологӣ, аҳаммияти тадқиқот оид ба ҳолатҳои равонӣ бо таъсири онҳо ба самаранокии тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти инсон вобаста аст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Эътимоднокӣ ва саҳеҳии натиҷаҳои бадастомада тавассути коркарди омории додаҳо, натиҷаҳои ташхис бо истифода аз бастаи барномаи таъминотии SPSS 13.0 таъмин карда шудаанд. Барои коркарди маълумотҳои эмпирикӣ усулҳои муосири омори математикӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд, ба монанди: муқоисаи арзишҳои миёна бо истифода аз t-test Student, коррелятсия ва таҳлили омилҳо.

**Навгониҳои илмии** диссертатсия мазкур дар нуқтаҳои зерин ифода меёбад:

– дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст аз ҷиҳати эмпирикӣ таъсири манфии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон ошкор гардидааст;

– таҳлили тафриқавии хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасони оилаҳои пурра ва нопурра гузаронида шудааст;

– алоқамандии (таносуб) фаҳмиши худи тарбия аз ҷониби наврасон ва хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон муайян гардидааст;

– таъсири талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасони оилаҳои нопурра вобаста ба хусусиятҳои гендерӣ муайян гардидааст.

**Унвонҷӯ нуқтаҳои зеринро барои дифо пешниҳод менамояд**:

1. Хусусиятҳои тарбияи кӯдак дар оилаи нопурра омили таъсиррасони манфии бардавом буда, боиси зоҳиршавии эмотсияҳои номувофиқ ва манфӣ мегардад.

2. Моҳият ва хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасони оилаҳои ҷудошуда хусусияти микдорӣ ва сифатӣ доранд, ки ин яке аз тафовут аз наврасони оилаҳои нисбатан пурраро нишон медиҳад.

3. Ба навраписарони оилаҳои нопурра дараҷаи пасти муқовимат ба стресс, майл ба худайбдоркунӣ, зоҳиршавии агрессияи ботинии пӯшида (аутоагрессия), изтироби баланд ва ҳолати фрустратсионӣ нисбат ба ояндаи худ хос мебошад. Онҳо дар муносибатҳои байнишахсӣ бо муҳити иҷтимоии худ ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешаванд.

4. Наврасдухтарони оилаҳои нопурра бо бартарияти навъҳои фаъоли агрессия, ҳолати ҳаяҷони доимӣ, шиддати ботинӣ, инчунин ҳодисаҳои номусоиди эмотсионалӣ дар ҳолатҳои таълимӣ фарқ мекунанд. Онҳо ба қонеъ кардани талаботҳои вазъият диққати аз ҳад зиёд медиҳанд ва ҳангоми кӯшиши ҳалли вазъиятҳои душвор барои кумак ба дигарон муроҷиат намекунанд.

Нуқтаҳои мазкур аз он далолат мекунанд, ки унвонҷӯй дар самти таҳлили назариявии масъалаи мавриди назар ва таҳқиқи озмоишии он кори бузургеро анҷом додааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:** Аҳаммияти назариявии кор аз он иборат мебошад, ки ҷанбаи муқоисавии омӯзиши масъалаи мазкур барои муайян намудани таъсири талоқ ба хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон дар оилаҳои пурра ва нопурра имконият фароҳам меоварад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот бошад дар фаҳмидани хусусиятҳои инкишофи насли наврас дар оилаи нопурра; дар машварати психологӣ ба назар гирифтани хусусиятхои ҷинсии зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасони оилаҳои нопурра ҳамчун механизми психологии бартарафнамоии

ҳолатҳои номусоиди эмотсионалӣ; натиҷаҳои таҳқиқот барои машварати психологӣ, педагогӣ, психотерапевтӣ ва қори иҷтимоӣ бо наврасони оилаҳои ҷудошуда манфиатовар буда, метавонад ва дар ташкили курсҳо ва семинарҳои махсус барои донишҷӯёни ихтисосҳои психологи́я, сотсиология, кори иҷтимоӣ ва психологияи педагогию психологияи иҷтимоӣ нафъовар бошад.

**Боби якуми** диссертатсия *«Таҳқиқи назариявии ҷанбаҳои психологии таъсири талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон»* масъалаи талоқ ва таъсири он ба ҳолатҳои эмотсионалии наврасон аз ҷиҳати назариявӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст ва боби мазкур аз се зербоб иборат мебошад.

Унвонҷӯ назарияи давраи гузариши бачагони зинаи калонсолро ба шароити мушаххаси ҳаёти иҷтимоӣ, инкишофи ҷисмонӣ, биологӣ ва мавқеи ишғолкардаи ҷамъиятии онҳо алоқаманд месозад. Ба ғайр аз ин, қайд мекунад, ки дар давраи гузариш дар синни наврасӣ шаклгирии сифатҳои шахсӣ ба вуҷуд меояд. Азнавсозиҳои муҳимми ин марҳила, ташаккулёбии худбаҳодиҳӣ, муносибати танқидӣ ба муҳити иҳотакарда, кӯшиши ба «калонсолӣ» ва мустақилӣ, маҳорати риоя кардани меъёрҳои ҳаётӣ ва гурӯҳӣ мебошад.

Махсусан зикр менамояд, ки ҳолати эмотсионалии наврасон як қатор хусусиятҳо хосро дорост: осонии пайдоиши шиддати эмотсионалӣ ва стресси психологӣ, тағйирёбии доимии кайфият, зуд-зуд пайдо шудани ҳолатҳои аффективӣ, бештар гирифтор шудан ба таъсири рағбат эътибори бештар диҳем, ки наврас ба эмотсияҳои худ худро дар доираи азсаргузарониҳои беохир шомил месозад.

Дар боби мазкур мафҳумҳои асосии дар таҳқиқот истифодашуда муайян карда шудаанд. Оиларо ҳамчун омили муҳимму ивазнашавандаи рушди шахсияти наврас мавриди таҳлил қарор додааст. Дар давраи наврасӣ муҳит, вазъи оилавӣ ва шавқу ҳавасҳо хусусияти амалисозии оянда, дарки дурнамои ҳаёти хеш ва ниятҳои касбии шахсияти наврасро муайян мекунанд. Ҷудоии волидон дар ҳаёти минбаъдаи наврас, инчунин дар ҳолати

психологию эмотсионалии ӯ осори ҷубронннопазир мегузорад. Наврасоне, ки талоқи волидайни худро паси сар гузоштаанд, бештар рафтори девиантиро зоҳир мекунанд.

**Боби дуюми** рисолаи илмии Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил *«Тавсифи методҳои озмоишӣ ва ташкил кардани таҳқиқот»* унвон дошта, оид ба методҳои касбии психологие, ки дар ҷараёни таҳқиқ истифода гардида буданд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ин боб ду зербобро фаро мегирад.

Дар боби мазкур унвонҷӯ кӯшидааст, то пурра масъалаи интихоби озмудашавандагон ва методҳои ташхиси психологиро ташкил намояд. Ӯ таъкид меекунад, ки мақсади таҳқиқот аз омӯзиши таъсири талоқ ба ҳолати эмотсионалии наврасон иборат мебошад. Мувофиқ бо мақсади таҳқиқот озмудашавандагонро наврасони 14-15-сола аз оилаҳои нопурра, ки аз ҷониби модарони танҳо тарбия меёбанд, ҳамзамон, наврасони оилаҳои пурра ташкил додаанд. Предмети таҳқиқотро бошад, ҳолатҳои эмотсионалии наврасон аз оилаҳои нопурра ва таъсири талоқ ба онҳо ташкил додааст.

Мувофиқ ба омилҳои болозикр ва аз рӯйи натиҷаи таҳлили адабиёти марбута хулоса мегардад, ки гурӯҳчинии озмудашавандагони таҳқиқот ҷиҳати дар дараҷаи зарурӣ гузаронидани озмоиш имконияти хуброфароҳам овардааст.

Дар боби мазкур инчунин методикаҳои барои ташхис кардани омилҳо ва ҳолатҳои манфии эмотсионалие, ки дар зери таъсири талоқ зоҳир мешаванд, тавсиф карда мешаванд. Дар таҳқиқот методикаҳои зеринро интихоб гардиданд: методи суҳбати психологӣ, мушоҳидаи психологӣ, анкета, саволномаи агрессияи Басс-Дарки, методикаи проективии С. Розенсвейг, методикаи шкалаи ноумедии Бек, тести изтироби мактабии Филлипс, ташхиси системаи муносибатҳо дар оила аз нигоҳи наврас (Саволномаи «Наврасон дар бораи волидон») ва методи баҳодиҳии экспертӣ ва бастаи барномаи оморӣ-компютерии SPSS.

Дар **боби сеюми** диссертатсия – *“Таҳқиқи эмпирикии таъсири талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон”* пурра қисмати амалии таҳқиқот фаро гирифта шудааст.

Дар боби мазкур ҷанбаҳои ҷинсии таъсири талоқ ба ҳолатҳои эмотсионалии наврасон таҳқиқ гардида, робитаи байниҳамдигарии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон аз оилаҳои пурра ва нопурра, хусусан таъсири талоқ ба рушди соҳаи эмотсионалии наврасон мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, ба андешаи мо, диссертатсияи Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил дар мавзуи «Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050301 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология таҳқиқоти мукаммал ва анҷомёфта дар соҳаи илми психология мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории рисолаи илмӣ.** Диссертатсия ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаҳои илмӣ пурра мувофиқ мебошад ва муаллифи он Бобобекзода Меҳроҷиддини Абдуҷалил ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050301 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият ва таърихи психология) сазовор мебошад.

**Автореферати** рисолаи илмӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Автореферат, мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни ноби тоҷикӣ, босаводона дарҷ гардида, тартиби таҳия, ҷобаҷо гузоштани қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва муттасилӣ пурра риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

Дар баробари баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиву норасоиҳо ва ғалатҳои имлоиву грамматикӣ мушоҳида мегардад, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо кард:

1. Таҳқиқоти назариявӣ то андозае маҳдуд буда, истифодаи манбаъҳои муосир ва байналмилалӣ кам ба назар мерасад. Хуб мебуд, агар қисми назариявӣ бо ҷалби адабиёти нави илмӣ ва таҳқиқоти хориҷӣ ғанӣ гардонида мешуд.

2. Дар қисмати таҷрибавӣ таҳлили оморӣ дар баъзе ҳолатҳо бо тафсири нокифоя ҳамроҳ аст. Хуб мебуд, агар натиҷаҳо бо истифодаи усулҳои муосири оморӣ ва шарҳи амиқи илмӣ такмил дода мешуданд.

3. Усули навишти номи муаллифон ва танзими феҳристи адабиёт эҳтиёҷ ба таҷдиди назар дорад. Пешниҳод мешавад, ки ҳамаи истинод ва феҳристи адабиёт бо риояи меъёрҳои ягонаи академӣ ва стандарти байналмилалӣ ҳамоҳанг гарданд.

4. Дар баъзе мавридҳо истинод ба манбаъҳо нокифоя ё нодуруст истифода шудааст. Пешниҳод мешавад, ки ҳамаи иқтибосҳо ва истинодҳо бо риояи меъёрҳои ягонаи академӣ ва дақиқии библиографӣ такмил дода мешуданд.

Камбудиҳои зикршуда арзиши илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил дар миқёси масъалаи таҳқиқшуда халалдор намекунад.

Дар ҳаллу фасли вазифаи мавриди назар, диссертант далелу маводи заруриро ба таври возеҳва васеъ истифода кардааст. Муаллиф аз адабиёти илмии мавҷуда дар самти тадқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дошта, таҳқиқи масъалаи гузошташударо ба таври бояду шояд анҷом додааст.

## ХУЛОСАИ ҶАМЪБАСТӢ

1. Диссертатсияи Бобобекзода Меҳроҷиддини Абдуҷалил ҳамчун як таҳқиқоти комили илмӣ арзёбӣ гардида, дар он натиҷаҳои пажӯҳишии муаллиф ба таври мустақилона ва дар сатҳи муносиби илмӣ ба даст

оварда шудаанд.

2.Унвонҷӯ дар ҷараёни анҷоми таҳқиқот ба ҳадафҳои пешбинишуда муваффақ гардида, масъалаҳо ва вазифаҳои илмии гузошташударо ба таври қаноатбахш ҳал намудааст. Ҳамзамон, фарзияҳои пешниҳодгардида дар раванди таҳқиқот тасдиқи худро пайдо кардаанд.

3. Диссертатсияи Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил дар мавзуи «**Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон**» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050301 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050301 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои психологӣ,
профессор, Донишгоҳи давлатии Бухоро Назаров А.М.
“01” апрел соли 2026

**Суроға:** Ҷумҳурии Ӯзбекистон,
ш. Бухоро, кӯчаи М. Иқбол, 11.
Почтаи электоронӣ: akmal_uzman@mail.ru
Тел: (+998) 93-686-88-58

“Имзои доктори илмҳои психологӣ, профессор А.М.Назаровро тасдиқ менамоям”:

Сардори раёсати кадрҳои
Донишгоҳи давлатии Бухоро Файзиева У.А.